# Шарҳи моҳонаи таваррум • Марти 2021

**Тамоюли болоравии нисбии сатҳи таваррум дар моҳи марти соли 2021 ба назар расида, афзоишёбии он 1,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 2,4 фоиз (саҳм дар таваррум 1,3 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 1,2 фоиз (0,3 б.ф.) ва нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,1 фоиз (0,2 б.ф.) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи миёнаи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили гӯшти гов 3,4 фоиз, гӯшти гӯсфанд 8,2 фоиз, гӯшти мурғ 2,7 фоиз, равғани пахта 8,4 фоиз, равғани офтобпараст 6,6 фоиз, шакар 6,2 фоиз ва сабзӣ 63,6 фоиз ба қайд гирифта шуданд, ки раванди мазкур вобаста ба таъсири омилҳои берунӣ ва мавсимӣ ба вуқӯъ пайваст.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи миёнаи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ низ ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла, нархи орди навъи якум -0,7 фоиз, биринҷ -1,1 фоиз, тухм -5,2 фоиз, пиёз -8,4 фоиз ва карам -3,3 фоиз ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи марти соли 2021 бештар қиматшавии нархи миёнаи маҳсулоти либос ва пойафзол 0,3 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 7,4 фоиз, бензини навъи АИ-92 18,2 фоиз ва гази моеъ 7,8 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Ҳамин тариқ, таваррумі солона дар моҳи марти соли 2021 ба 10,1 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,8 б.ф. зиёд мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, асосан омилҳои мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва таклифотии вобаста ба пандемияи коронавирус (COVID-19), инчунин ноустувории нарх дар бозорҳои ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумі солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



асосии хӯроквории (шакар, равғани рустанӣ ва болоравии нархи онҳо дар кишварҳои содиркунанда), маҳдуд будани тиҷорати байналхалқӣ ва паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ замина гузошт.

Сатҳи таваррумии аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи марти соли ҷорӣ 0,5 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 5,2 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,1 б.ф. зиёд мебошад. Ба ин раванд бештар болоравии нархи маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабили равғани рустанӣ ва маҳсулоти тайёри нонӣ) саҳмгузорӣ намуданд.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги асосии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт бо назардошти афзоиши фишорҳо, интизориҳои таваррумӣ ва дар давраи миёнамуҳлат бозгардонидани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқараршудаи он дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз санаи 5 феврали соли 2021, №24 0,25 б.ф. зиёд намуда, дар сатҳи 11,0 фоизи солона муқаррар карда шуд.

Ҷиҳати танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо ва коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ дар моҳҳои январ-марти соли 2021 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 89,3 млрд. сомонӣ амонатҳои шабонарӯзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷалб гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,3 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар ин давра 18 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 2,0 млрд. сомонӣ баргузор гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагии таваррум истифодаи воситаҳои монетариро самаранок ба роҳ монда, татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таваррумии аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | Март моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизатрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,5** | **9,9** | **10,1** | **1,8** |
| **Маҳсулоти хӯроквoрӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,7** | **14,1** | **13,9** | **2,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 12,8 | 14,6 | 10,4 | -0,6 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 2,6 | 2,8 | 0,2 | -1,1 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 15,5 | 18,4 | 12,9 | -0,7 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 5,1 | 6,1 | 9,7 | 3,2 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 5,2 | 6,0 | 9,8 | 3,4 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 22,9 | 39,8 | 43,2 | -5,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 4,6 | 5,7 | 5,9 | -0,6 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 8,7 | 9,3 | 10,5 | -2,7 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 42,4 | 44,3 | 51,7 | 6,7 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | 1,7 | -4,3 | -7,0 | 1,8 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 8,4 | 6,4 | 6,7 | 8,3 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 44,6 | 45,1 | 46,6 | 6,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,1 | 3,6 | 4,9 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **5,1** | **5,7** | **4,5** | **0,2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **6,1** | **6,8** | **7,4** | **1,2** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,6 | 5,1 | 5,0 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 9,0 | 9,1 | 7,7 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,7 | 9,8 | 9,2 | 0,5 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 7,0 | 7,7 | 8,4 | 0,6 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | -1,8 | 4,4 | 16,9 | 12,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 13,9 | 9,4 | 8,3 | -2,3 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 1,9 | 3,1 | 2,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 8,8 | 10,0 | 9,5 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **3,8** | **3,5** | **4,5** | **1,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 2,0 | 3,1 | 4,3 | 1,6 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 5,7 | 4,7 | 4,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 5,3 | 10,8 | 17,3 | 7,8 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 2,0 | -0,5 | 1,5 | 2,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,7 | 8,8 | 8,8 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | -0,4 | -0,4 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 7,0 | 7,2 | 6,8 | 0,3 |

*** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо